# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036 назди
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори Шурои диссертатионӣ аз 24.09.2022, № 18

Дар бораи сазовор донистани Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи **«Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6: фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2022, таҳти №90) аз 30 майи соли 2022, суратмаҷлиси № ___ ба ҳимоя қабул гардидааст.

Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович 14-уми ноябри соли 1981 дар деҳаи Советободи (айни ҳол Рукнобод) Ҷамоати деҳоти Ворӯ, шаҳри Панҷакент дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 1999 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 64-и ҳамин деҳаро хатм намудааст.

Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович соли 2010 ба Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дар зинаи бакалавриат дохил шуда, онро соли 2014 бо ихтисоси омӯзгори забони англисӣ хатм намудааст.

Соли 2014 ба шуъбаи магистратура дохил шуда, онро соли 2016 бо ихтисоси омӯзгори забони англисӣ, бо дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2016 ба шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дар бахши забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ аз рӯйи ихтисоси 6D021300 дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст. Дар баробари фаъолияти илмӣ Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович аз соли 2015 то соли 2016 ба ҳайси мутахассиси шуъбаи робитаҳои хориҷии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси

омӯзгори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода кору фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Муқарризонӣ расмӣ** –Мухторов Зайнидин Мухторович – доктори илмҳои филологӣ, ректори филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе. Саъдиева Гулистон Фатоевна – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англисии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии донишгоҳи мазкур, номзади илми филология, дотсент Б.Р.Муродов ва устодони кафедраи мазкур – номзадони илми филология, дотсентон Ш.Ш.Гулмадшоев ва Ҳ.Қ. Гулямов котиби илмии ҷаласа Р.И. Маҳсудинов бо имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илми ҳуқуқшиносӣ, профессор Д.С.Раҳмон тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович дар мавзуи «Усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (бар мабнои осори бадеӣ)» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Оид ба мавзуи диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ 10 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**


[1-М]. Ҳамроев, О.А. Роҳҳои сермаҳсули калимасозӣ ва ташаккули он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / О.А. Ҳамроев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. - 2018. № 5-1 (77). - С. 102-105. ISSN 2219-5408

[2-М]. Ҳамроев, О.А. Роҳҳои сермаҳсули вандафзоӣ (аффикастсия) дар забони англисии муосир / О.А. Ҳамроев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе. - 2018. № 5-2 (77). - С. 116-118. ISSN 2219-5408

[3-М]. Ҳамроев, О.А. Конверсия ҳамчун як навъи калимасозӣ дар забони англисии муосир / О.А. Ҳамроев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе. - 2019. № 1. - С. 109-112. ISSN 2413-516X

[4-М]. Ҷаматов С.С., Ҳамроев О.А. Ихтисоршавӣ ҳамчун усули калимасозӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / С.С. Ҷаматов, О.А. Ҳамроев. // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе: - 2021. № 4 (44). - С. 24-29. ISSN 2226-9355


**Б). Мақолаҳое, ки дар маҷмӯаҳои дигар чоп шудаанд:**


[5-М]. Ҳамроев, О.А. Роҳҳои калимасозии аффиксатсия ва конверсия дар забони англисӣ / О.А. Ҳамроев // Масъалаҳои мубрами филология (Маҷмуаи мақолаҳои аспирантон, докторантон ва магистрантон), Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе. - 2017. Силсилаи 5. - С. 39-41.

[6-М]. Ҳамроев, О.А., Саидова, Д. Хабар ва намудҳои он дар забони англисӣ / О.А. Ҳамроев, Д. Саидова // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе. - 2017. № 1 (25). - С. 49-52.

[7-М]. Ҳамроев, О.А. Сифат дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ / О.А. Ҳамроев // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе. - 2017. № 2-3 (26-27).- С. 24-32.

[8-М]. Ҳамроев, О.А., Аминов, Ф.С. Падежи исмҳо дар забони англисӣ / О.А. Ҳамроев, Ф.С. Аминов // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе. - 2018. № 1 (29). - С. 10-16.

[9-М]. Ҳамроев, О.А. Субстантиватсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ. Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ дар замонӣ муосир. (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ), Донишкадаи

давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. – Душанбе. – 2019. – С. 321-323.

[10-М]. Ҳамроев, О.А., Маликов, Б.Х. Усули калимасозии вербализатсия дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / О.А. Ҳамроев, Б.Х. Маликов // Масъалаҳои мубрами филология, ҷомеашиносӣ ва фанҳои табиӣ-риёзӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ (маводи конференсияи илмӣ-амалӣ) Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода – Душанбе. - 2021. – С. 114-120.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд**.

1. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Туйғунов Носир Ҳақбердиевич мусбат буда, ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Дар диссертатсия назари танқидии муаллиф кам ба чашм мерасад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар баъзе мавридҳо роҷеъ ба масъалаи мавриди таҳқиқ андешаҳои танқидии худро баён медошт;

Б) Дар баъзе ҷойҳои автореферат ғалатҳои услубӣ ва имлоӣ ба чашм мерасанд.

2. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино Муҳамадиева Зухра Абдуманоновна низ мусбат буда, ба автореферат як эрод гирифтааст.

А) Автореферат бо забони хуби илмӣ навшита шудааст, бо вуҷуди он дар фишурда баъзе иштибоҳҳои имлоӣ ва услубӣ мавҷуд ба назар мерасанд, ки онҳо ҷузъӣ буда, ба сифати таҳқиқот таъсир намерасонанд.

3. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забоншиносии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе Сабирова Сановбар Ғаниевна мусбат буда, ба автореферати диссертатсия як эрод гирифтааст:

А) Камбудиҳои фишурда дар баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ намудор мешаванд, ки сифати онро коста намегардонанд.

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода Назарова Муҳаббат Раҳмонқуловна низ мусбат аст ва ба автореферат ду эрод гирифтааст:

А) Агар муаллиф баъзе аз мисолҳои овардашударо ҳамчун замима ба диссертатсия илова менамуд, хеле хуб мешуд;

Б) Дар муқаддимаи автореферат хатогиҳои имлоӣ, китобатӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Муқарризон дар баробари муайян намудани баъзе эроду норасоиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии рисолаи илмӣ, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

- Мафҳуми “калима” ва “калимасозӣ” дар забоншиносии муосир муайян гардидааст;
- усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бар мабнои осори бадеӣ аз нигоҳи забоншиносии муқоисавӣ таҳқиқ гардидааст;
- таввасути таҳлил ва муқоисаи усулҳои сарфию наҳвии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ роҳҳои калимасозӣ дар забонҳои мавриди назар ошкор ва пешниҳод гардидааст;
- хусусиятҳои умумӣ ва хоси усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ исбот гардидааст;
- фарқият байни усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ миёни забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ нишон дода шудааст;
- гурӯҳбандӣ ва таснифоти усулҳои калимасозии сарфию наҳвӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқаррар гардидааст.

**Аҳамияти назариявии** таҳқиқоти зерин роҷеъ ба таҳлилу таҳқиқи мушаххаси масъалаҳои сарф, наҳв ва луғат дар илми забоншиносии муосир дар бахши калимасозӣ мебошад, ки дар оянда барои рушди воситаҳои вожасозӣ, омӯхтан ва омӯзонидани забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ хизмат менамояд. Маводи диссертатсияро барои ҳалли масъалаҳои муҳимми таълими забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, омода намудани дастурҳо ва китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқоти минбаъдаи ин қисматҳои забоншиносӣ ва ҳалли масъалаҳои назариявию амалии он мавриди корбурд қарор хоҳанд гирифт.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки** натиҷаҳои илмии таҳқиқотро метавон, дар самту соҳаҳои забоншиносӣ, забоншиносии

муқоисавӣ, луғатнигорӣ, мавриди истифода қарор дод. Инчунин, маводи таҳқиқот ва натиҷаҳои онро ҳангоми тадриси фанҳои забоншиносии муқоисавӣ ва грамматикаи муқоисавӣ дар шакли лексия ва машғулиятҳои амалӣ ба роҳ мондан мумкин аст. Натиҷаҳои бадастомадаи рисолаи илмӣ ҳамчунин метавонад дар ташкил ва гузаронидани курсҳои махсуси грамматика, амалияи нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ ва лексикологияи забони англисӣ, ки маълумотҳои ҷолибро фаро гирифтааст, кумак расонад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** аз он иборат аст, ки бори нахуст мавзуи калимасозӣ дар доираи илми забоншиносии муқоисавӣ, дар маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ба таври фарогир мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Диссертант муаллифи 10 мақолаи илмӣ мебошад, ки аз ин 4 мақолаи марбут ба кор дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 24-уми сентябри соли 2022, № 18 дар бораи ба Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳӣ 11 нафар иштирок намуд. Аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Турсунов Ф.М.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Ҳасанова Ш.Р.

24 сентябри соли 2022